**Тақризи**

**роҳбари илмӣ, доктори илмҳои филология, дотсент Каримов Шуҳрат Бозорович дар бораи рисолаи Хушматов Намоз Раҳмонович «Таҳлили маъноиву сохтории консепти “одоб” дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ**

Дар давоми даҳсолаҳои охир таваҷҷуҳи забоншиносони тоҷик ба таҳқиқоти муқоисавӣ дар риштаҳои забоншиносии шинохтӣ (когнитивӣ), забоншиносии фарҳангӣ ва лингвоконсептология афзун гардида, шумораи мақолаву монографияҳое, ки ба соҳаҳои мазкур марбутанд, афзуда истодаанд. Ин, пеш аз ҳама, ба он вобаста аст, ки забон донишҳои табиӣ дар бораи ҷаҳон, инчунин хотираи таърихии рӯйдодҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ дар ҳаёти инсон муҳимро ифода ва нигоҳ медорад ва як навъ шакли умумии консептуализатсияи ҷаҳон ва мукаммалнамоии таҷрибаи инсонӣ мебошад. Бинобар ин, вазифаи муҳаққиқоне, ки ба муқоисаи консепт дар забонҳои гуногун даст мезананд, пеш аз ҳама таҳқиқи амиқи консепт ва муқоисаи фазоҳои семантикӣ мебошад, ки барои ошкор намудани умумияти халқиятҳои гуногун дар инъикоси олами атроф имконият фароҳам оварда, ҳамзамон муайян намудани мафҳумҳои хоси миллиро имконпазир мегардонад.

Мафҳуми «одоб», умумӣ буда, хусусиятҳои хосеро дар бар мегирад, ки анъанаҳои динӣ, таърихӣ ва фарҳангии халкро инъикос мекунанд. Ин мафҳум як қисме аз тасвири забонии олами ҳастӣ буда, андешаҳо, муносибатҳо ва қолабҳоеро ифода мекунад, ки тафаккури миллӣ, расму оин ва анъанаҳои хоси фарҳанги халқи тоҷику англис, ки вобаста ба рушди таърихӣ аз ҳам фарқ мекунанд, дар онҳо иникос гардидаанд.

Рисолаи Хушматов Н. ба омӯзиши порчаҳои номинативии низоми забонҳои муқоисашаванда: воҳидҳои луғавӣ, формулаҳои одоби нутқ, ки “одоб”-ро ҳамчун категорияи иртиботии фарҳангҳои забони тоҷикӣ ва англисӣ инъикос менамоянд, бахшида шудааст. Дар рисолаи номзадии Хушматов Н. мафҳуми “одоб” дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавриди таҳлили ҳамаҷонибаи муқоисавӣ қарор гирифтааст.

Бояд гуфт, ки мафҳуми мазкур дар забоншиносии ватанӣ аз нуқтаи назари муқоисаи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ҳамчун категорияи иртиботии фарҳангҳо бори аввал мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор гирифтааст.

Масъалаи омӯзиши мафҳумҳои гуногун дар зарфи даҳсолаҳои охир на танҳо дар забоншиносии хориҷӣ, балки дар забоншиносии ватанӣ низ ба назар мерасад. Хусусан ба таҳлили сохтор ва маънои консептҳои гуногун солҳои охир олимони хориҷӣ, аз қабили П. Браун ва С. Левинсон, Г. Каспер, Р. Лакофф, Р. Уоттс, К. Кристи, Л. Кинг, Я. Камичек, В.И.Карасик, В.А.Звегинсев, А.Вежбитская, А. Харчарек ва дигарон машғул шудаанд. Дар забоншиносони тоҷик низ муҳақиқон ба таҳқиқу пажӯҳиши консептҳо ҳам аз нигоҳи забоншиносии муқоисавию шинохтӣ (когнитивӣ) ва ҳам забоншиносии фарҳангиву қавмӣ таваҷҷуҳи

хоса зоҳир намуда, як қатор корҳоро анҷом додаанд. Бояд зикр намоем, ки дар ин замина забоншиносон П.Ҷамшедов, М.Т. Ҷабборова, Нағзибекова М.Б., С. Ҷаматов, Д. Искандарова, Х. Шанбезода, З.Мухторов, Ф. М. Турсунов, С. Қ. Матробиён ва дигарон корҳои зиёд ба анҷом расонида, инчунин рисолаҳои илмӣ доир ба консептҳои *хӯрок, дил, вақт, бойгарӣ, ақл, оила* ва ғайра аз ҷониби як қатор муҳаққиқони тоҷик (М. Давлатмирова, М. Маҳмудзода, Д. Азиззода, С. С. Раҳимӣ, З. Мирзоева, М. М. Имомзода, Н. Раҳмонова, Н. К. Бойматова, Ш. Фозилова, Ф. Х. Ахмедова, Х. Х. Қурбонова, Р. Ҷӯраева, Н. Каримова, С. Эшниёзова ва дигарон) ҳимоя шудаанд.

Муҳиммияти ин пажӯҳиш, тавре диссертант дуруст қайд мекунад, ба боло рафтани нақши муошırати байнифарҳангӣ бо назардошти ҳамкориҳои байналхалқӣ, ивазшавии нақши муошират ва дарки он ҳамчун раванди самараноки ҳамкориҳо дар шароити бархурди тамаддунҳо, ташаккули талабот ба сифати равобити байнифарҳангӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди масъалаҳои муоширати байнифарҳангӣ ва таъсири мутақобилаи онҳо зимни ниёз ба донистани хусусиятҳои этникии одоб ва рафтори муаддабона аз тарафи намояндагони фарҳангҳои бегона, вобаста аст. Дар баробари ин, солҳои охир дар давоми соҳибистиқлолии кишвар робитаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии байни тоҷикону англисзабонон хеле рушд ёфтааст ва азбаски Тоҷикистону Англия кишварҳои аз анъанаҳо бой ва дорои обуранги махсуси миллӣ ҳастанд, зарурати омӯзиши махсусиятҳои муошират дар умумиятҳои забониву фарҳангии тоҷику англис ба миён омадааст.

Бинобар ин, омӯзишу пажӯҳиши консепти одоб, ки ҳамчун яке аз рукнҳои муҳими фарҳанги мардумони гуногуни дунё маҳсуб меёбад, аз нигоҳи забоншиносии шинохтӣ (когнитивӣ) ва муқоисаи забони тоҷикӣ ба забони англисӣ - яке аз забонҳои рушдкардаи дунё мубрамияти корро ташкил медиҳад.

Навгонии рисола бешак дар он зуҳур меёбад, ки бори аввал хусусиятҳои милливу фарҳангии консепти *одоб* аз нигоҳи муқоиса забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мушаххас гардида, вижагиҳои асосии консепти мазкур аз ҷониби намояндагони фарҳангҳои гуногунзабон мавриди назар қарор гирифтааст.

Ҳамчунин дар диссератсия бори нахуст, зинаҳои омилҳои иҷтимоӣ, аз қабили ҳамшарикон, ҷинс (мардона/занона), синну сол (кӯдакон, ҷавонон, калонсолон), навъи алоқа (наздик, касбӣ, расмӣ), фосилаи байни ҳамшарикон (бегона, шинос, дӯст, хешу табор), сатҳи забондонӣ (адабӣ, гуфтугӯӣ, шевагӣ), аз ҷумла воқеаҳои таърихие, ки таъсири худро ба ташаккули тасвири забонии ҷаҳон дар ин ё он халқият мерасонанд, мавриди назар қарор гирифтаанд.

Тадқиқот нишон дод, ки баъзе хусусиятҳои соҳаҳои консептуалии таҳлилшуда дар забонҳои мавриди қиёс якхелаанд, дар ҳоле ки ҳангоми муқоисаи консепти *одоб* фарқиятҳои назаррас ба мушоҳида расидаанд.

Ҳар як боб бо хулосаҳои мушаххас ҷамъбаст гардидаанд. Хулосаҳои дар рисола бадастомада асоснок буда, тадқиқот дар асоси маҷмӯи зиёди маводи фактологӣ бо истифода аз методологияи тадқиқот, ки барои ин намуди таҳлил мувофиқ аст, гузаронида шудааст. Методологияи тадқиқот имконият фароҳам овард, ки миқдори зиёди маводҳои ҷамъоваригардида мавриди омӯзиш ва таҳлили дақиқ қарор дода шаванд.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар факултетҳои равияи филологӣ, аз ҷумла дар рафти таълими фанҳои забоншиносии фарҳангӣ, забоншиносии қавмӣ, забоншиносии шинохтӣ (когнитивӣ), забоншиносии муқоисавӣ, муошрати байнифарҳангӣ, инчунин зимни машғулиятҳои амалияӣ, ҳам барои худомодагии муаллимону устодони фанҳои забоншиносӣ ва ҳам доираи васеи хонандагон мавриди истифода қарор дода шаванд.

Сохтори рисола ба талаботҳои муқаррааргардида мутобиқат мекунад. Рисола аз муқаддима, ду боб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Ҳамаи ин шаҳодат аз навоварии илмӣ, мубрамияти мавзуъ, аҳамияти назарияви ва амалии он шаҳодат медиҳанд.

Афтореферат мазмуну мундариҷаи рисоларо пурра инъикос мекунад. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 9 мақолаи муаллиф, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

Хулоса рисолаи Хушматов Намоз Раҳмонович дар мавзуи «Таҳлили маъноиву сохтории консепти "одоб" дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» таҳқиқоти пурра анҷомёфта буда, онро ба ҳимоя тавсия менамоям.

Роҳбари илмӣ,
доктори илмҳои филологӣ, декани
факултети забони англисӣ ва забонҳои
Шарқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистонба номи Садриддин Айнӣ Каримов Ш.Б.

Суроға: ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121, 734003
Тел.: +992 938370022; e-mail: shuhrat-karimov2@mail.ru

Имзои Каримов Шуҳрат Бозоровичро тасдиқ мекунам.

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон ба номи
Садриддин Айнӣ Мустафозода А.

31.05.2022